**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст**

Муаллиф чунин қайд мекунад, ки фаъолияти бозӣ дар синни томактабӣ баҳри инкишофи қобилияти эҷодии атфоли кӯдакистонҳо мавқеи муайянро ишғол мекунад. Маҳз дар ҳамин синну сол таҳкурсии ҷанбаи эҷодии шахсият, қобилиятҳои фаъолияти эҷодӣ гузошта шуда, меъёрҳои ахлоқӣ азхуд карда мешаванд. Фаъолияти бозӣ ҷолибтарин машғулият барои кӯдакони синни томактабӣ ба шумор меравад.

Хусусияти хоси ҳама гуна бозӣ ин зуҳури эҷодкорӣ аст. Зеро, ҳангоми бозӣ кӯдакон на танҳо амали касеро нусхабардорӣ мекунанд, балки ба дигарон тақлид карда, фикру ақидаҳои худро инъикос мекунанд. Бо нишон додани эҳсосот ва эмотсияҳои худ, кӯдакон муносибатро ба объекти тасвиршуда нишон медиҳанд. Яъне, ба ин васила кӯдакон муҳити атрофро мавриди омӯзиш қарор дода, сипас аз худ мекунанд.

Нақши бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ дар инкишофи нутқ низ калон мебошад. Муоширати шифоҳии кӯдакон бо калонсолон манбаи дониш, маърифат ва тафаккур дар бораи ҷаҳон ва муҳити иҳота кардашуда ба ҳисоб меравад. Бозиҳои кӯдакон ба таври стихиявӣ, вале табиатан ҳамчун инъикоси фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятии калонсолон ба вуҷуд меоянд.

Бозиҳои шифоҳӣ инкишофи нутқи кӯдаконро ба маротиб баланд гардонида, ба онҳо имкон медиҳад, ки малакаҳои гуногуниро ташаккул диҳанд, ки барои таҳсили минбаъда дар муассисаҳои таълимӣ замина хоҳанд гузошт.

Кӯдакон дар хурдсолӣ моҳияти бисёре аз ашёи фарҳанги моддӣ ва маънавиро дарк карда, онҳоро ба таври хос мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар синни томактабӣ дар кӯдакон ҳадафҳои инфиродӣ, аз ҷумла фаъолияти тасвирӣ, ҷисмонӣ ва шавқу рағбат ба бозӣ пайдо мегардад. Дар ин давра кӯдакон бо ашёи гуногун, пеш аз ҳама бо бозичаҳо ва лухтакҳо бозӣ мекунанд. Онҳоро ба таври тахайюли худ идора карда, чизҳои нав месозанд.

Раҳимзода Файзимо Гурез барои мукаммал намудани таҳқиқот аз чунин сарчашмаҳо ба монанди адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ ва психологӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти касбии

педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳисоботи Вазорати маориф дар самти раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои инъикоскунандаи талаботи мавзуи мазкур истифода намудааст.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот бошад дар асоси таҷриба ва маълумоти ба дастомада аз муассисаҳои пойгоҳии таҳқиқот мавриди назарсанҷӣ ва омӯзишӣ қарор ёфта, тибқи барномаи таҳиягардидаи педагогӣ, омодасозии корҳои озмоишӣ, методҳо, таҳлил, хулосабарорӣ бо пешниҳоди натиҷаҳое, ки аз раванди корҳои озмоишӣ дастрас гардидаанд ва онҳо ба таври лозимӣ дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, гузошта шудааст.

Диссертант аҳамияти амалии таҳқиқотро чунин ишора кардааст: роҳҳо ва усулҳои методикаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ҳангоми фаъолияти бозиҳо дар таҷриба дохил карда шуд; шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва методҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид; аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани машғулиятҳои бозиҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон истифода намоянд, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод баҳри баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

Боби якум «Асосҳои назарӣ ва методологии шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» ва проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт андешаҳо баён гардидааст. Дар он масъалаи фаҳмиш ва таснифи бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ, моҳият ва хусусияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ баррасӣ шудааст.

Боби дуюм «Усул, шакл ва воситаҳои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо» мебошад, ки дар он методҳо ва роҳҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо пешниҳод шудааст.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки кори таҳқиқоти диссертатсионӣ самаранокии худро собит сохтааст ва дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои бадастомада дар амал барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон муассисаҳои таҳсилоти томактабии кишвар кӯмак ва мусоидат хоҳанд кард.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки таҳқиқоти Раҳимзода Файзимо Гурез кори бaанҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он сазофори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи
таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали
“Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф”
дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.А.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 8а.
Тел: 915.27.22.21 E-mail: kurbonova-73@mail.ru

03.02.2025

Имзои Қурбонова Г.А.ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
Филиали “Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе Баҳронбекова Н.